# 70 СОЛ

## Муҳтарам Муҳаммадюсуф Сайдалӣ

*Роҳбарият ва кормандони Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» бо арзи иродат ва камоли эҳтиром Шумо ва дар шахсияти Шумо ҳайати устодону донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз ҷумла садорат ва аҳли кору пайкори факултети ҳуқуқшиносиро ба муносибати 25-умин солгарди қабули санади сарнавиштсози миллат – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-солагии боргоҳи парвариши абармардони миллат – факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳ самимона табрику таҳният гуфта, бароятон комёбиҳои рӯзгор, фаъолияти пурсамар ва дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ дастовардҳои рӯзафзун таманно менамоянд.*

*Донишгоҳи миллӣ ҳамчун маркази муҳимми илму фарҳанги мамлакат дорои мақоми хоса буда, имрӯзҳо дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар рушди илму маорифи тоҷик ва тарбияи кадрҳои миллӣ дар садри макотиби олии кишвар қарор дорад. Мусаллам аст, ки яке аз самтҳои афзалиятноки Донишгоҳ ба фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ, ки маркази асосӣ ва пешбари таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар самтҳои омодасозии мутахассисони болаёқати соҳаи ҳуқуқшиносӣ, тадқиқу омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масоили мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, боло бурдани дониш, шуур ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мақоми намоён дорад, марбут мебошад. Боиси ифтихор аст, ки хатмкардагони Донишгоҳ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ба фаъолияти созанда машғул буда, бо илму амал ва маҳсули эҷоди хеш дар таъмини талаботи ҷомеаи муосир саҳми арзанда мегузоранд. Қобили зикр аст, ки теъдоди зиёде аз кормандони Китобхонаи миллӣ низ аз ин кохи илму таълим касби камол намудаанд.*

*Орзуманди онем, ки ин боргоҳи пуршукӯҳи илму маърифат – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба бахти мардуми шарифи Тоҷикистон, доимо фаъолу шукуфон, татбиқкунандаи меъёрҳои инсонпарваронаи конститутсионии кишвар ва мактаби камолёбии барӯмандону шахсиятҳои таърихии миллат боқӣ монад!*

**Директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон** **А. Мирализода**